*«Ба қуллаҳои дониш»,*
*№ 2 (472), 21 январи 1974*

**Дар бораи фаъолияти кафедраи адабиёти советии тоҷик**

Кафедраи адабиёти советии тоҷик аз кафедраҳои кӯҳнатарини Университети давлатии Тоҷикистон буда, он баробари таъсиси Университет ташкил ёфтааст. Кафедра дар тамоми давраи мавҷудияти худ таълиму тарбияро кори ҷонии худ донista, дар парвариши муаллимони баландихтисоси мактабҳои миёна, ходимони илму маданият ва ғайра ҳиссаи шоиста гузошта меояд. Муаллимони кафедра бо роҳҳои роҳбарӣ ба корҳои курсӣ, рисолаҳои дипломӣ, маърӯзаҳои илмӣ, маҳфилҳои студентӣ ва ғайра дар такмили донишу малака, вусъати ҷаҳонбинии шогирдон мадади ҷиддӣ мерасонанд.

Кафедраи адабиёти советии тоҷик дар баробари таълиму тарбияи шогирдон худаш низ пеш рафт ва инкишоф ёфт. Агар пеш танҳо як нафар - мудири кафедра С.Ш. Табаров унвони илмӣ дошта бошад, ҳоло қариб ҳамаи муаллимон соҳиби унвони илмианд. Кафедраи мо яке аз марказҳои муҳимтарини илми адабиётшиносии муосир ҳисоб меёбад. «Пайрав Сулаймонӣ», «Васфи Октябр дар назми тоҷик», «Симои ҷовидонии пешво дар адабиёти тоҷик», «Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ», «Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик», ки муаллимони кафедраи мо ба табъ расонидаад, саҳми шоистае дар адабиётшиносии тоҷик мебошад. Баъзеи ин асарҳо на танҳо дар матбуоти Иттифоқи Советӣ, балки дар Чехословакия ва Эрон ҳам сазовори баҳои баланди мутахассисони шарқшинос гардидаанд. Рисолаҳои илмӣ-оммавии муаллимони мо, аз қабили «Мирсаид Миршакар», «Садриддин Айнӣ - сарояндаи Револютсияи Октябр», «Назарияи ленинии партиявияти адабиёт ва санъат», «Садриддин Айнӣ - асосгузори адабиёти советии тоҷик», «Боқӣ Раҳимзода», «Талаби

замон ва робитаи адабӣ» ва ғайра дар такмили донишу чаҳонбинӣ ва маданиятнокии мардум роли муҳим бозида истодаанд. Муаллимони кафедра муттасил дар конференсия ва сессияҳои илмии дохили Университет ва республикавӣ баромад мекунанд. Мудири кафедра, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон С.Ш. Табаров дар Конгресси XXV байналхалқии шарқшиносон бо маърӯзаи илмӣ иштирок кардааст. Муаллимони мо дар баробари таълифи асарҳои илмӣ-тадиқотӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ навишта истодаанд.

Дар айни замон муаллим С.Ш. Табаров ба таълифи «Таърихи адабиёти советии тоҷик» машғуланд. Муаллим М. Давлатов тадқиқоти ҷиддии худро роҷеъ ба анъанаи ғазал дар лирикаи советии тоҷик идома дода истодааст. Асари илмии муаллим Х. Муҳибов дар бораи таърихи очерки советии тоҷик дар арафаи хатм аст. Асарҳои муаллимони мо дар нашриётҳои илмии Тоҷикистои, Ӯзбекистон, Москва ва ғайра мунтазам чоп мешаванд. Муаллимон ва аспирантҳои кафедра дар ду соҳаи асосӣ: таърихи адабиёти советии тоҷик ва афкори адабӣ-эстетикии халқамон тадқиқот бурда истодаанд.

Дар партави Қарори КМ КПСС «Дар бораи танқиди адабӣ-бадеӣ» ва дигар ҳуҷҷатҳои партия ва ҳукумат кафедра то рафт ба таҳлилу тадқиқи хусусиятҳои ғоявии эҷодиёти нависандагон, ба омӯзиши чиҳатҳои назарии марҳилаҳои гуногуни таърихи адабиётамон ва дигар масъалаҳои муҳимми ибратбахш бештар диққат дода истодааст.

Кафедра, махсусаи мудири он С.Ш. Табаров бо аспирантҳо ва сомеъҳо суботкорона кор мебарад. Собиқ аспирантҳои кафедра С. Солеҳов дар мавзӯи «Ҳаҷв дар матбуоти солҳои бистуму сиюми тоҷик», Б. Нозимов дар мавзӯи «Воситаҳои офариниши тип дар

повесту романҳои устод Айнӣ» ва дигарон дар сари вақт диссертатсияҳои номзадии худро пешниҳод намуданд ва ҳимоя карданд. Ҳоло аспирантҳо Э. Сангинов ва Х. Асоев, аспиранти ғоибхон А. Кӯчаров бомуваффақият таҳсил карда истодаанд. Бо роҳбарии муаллимони мо рафиқон А. Саъдуллоев, А. Маҳмадаминов, Ш. Ёдгорӣ ва дигарон диесертатсияҳои номзадӣ навишта истодаанд.

Муаллимону аспирантҳои кафедра ҳамчун аъзоёни фаъоли ҷамъияти «Дониш» бо рисолаҳои оммавӣ, матни маърӯзаҳо ва лексияҳои худ дар интишори донишҳои адабӣ ва эстетикӣ ҳисса мегузоранд. Бисёр муаллимони кафедра берун аз факултет ва Университет дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд. Чунончи, С.Ш. Табаров раиси сексияи адабиёти Шӯрои методии Вазорати маориф, раиси Шуъбаи адабиёту санъати ҷамъияти «Дониш», котиби масъули ҷамъияти робитаи фарҳангӣ бо кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Ҳайати кафедра азми қатъӣ дорад, ки минбаъд ҳам корҳои таълимӣ ва тарбиявиро пурзӯр намуда, дар парвариши кадрҳои сазовори давр, дар ривоҷи илми адабиётшиносии тоҷик ҳиссаи шоиста гузорад.

**РАҲИМ МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**муаллими кафедра.**